# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия унвончӯ Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих).**

**Душанбе, 2023.**

Ба мутахассисони соҳа маълум аст, ки доир ба таърихи охири асримиёнагӣ ва давраи нави тоҷикон, муаррихон ва ҷуғрофиёшиносони замон маълумоти зиёде аз худ боқӣ гузоштаанд. Осори гаронбаҳои онҳо то имрӯз вобаста ба дараҷаи дастрасӣ барои муҳаққиқон ба сифати сарчашмаи мӯътамад мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар ин ҷода метавон аз таълифоти Маҳмуд ибни Валӣ, Ҳофизи Таниш, Искандарбеки Мунші, Мутрибӣ, Муҳаммад Толиб, Муҳаммадюсуфи Муншӣ, Роқими Самарқандӣ, Мирзо Шамси Бухорой, Мирмуҳаммад Амини Бухорой, Абдурраҳмони Толеъ, Муҳаммадвафои Кармизагӣ, Муҳаммадшариф ибни Муҳаммад Нақӣ, Муншии Бухорой, Муҳаммад Ҳакимхон, Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзофазлалибеки Сурхафсар, Доъии Бухорӣ, Мир Олими Бухорӣ, Аҳмади Дониш ва боз даҳҳо нафар таърихнависонро метавон номбар намуд, ки осорашон дар равшангарии таърихи халқи тоҷик хеле баланд буда, бо мурури замон айёнтар мегардад.

Дар ин ҷода навиштаҳои китобатшудаи “Тӯҳфаи шоҳи” ва “Таърихи салотини манғитияи дар дорулсалтанаи Бухорои Шариф”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ (1839-1908), ки аз рӯи шарҳи мутахассисон дар байни матнҳои бо ин ду ном ишораёфта фарқияти ҷиддие вуҷуд надошта, ҳарду номи як асарро ифода менамоянд, чун маъхази арзишманд ҳисоб мебанд.

Маҳз ҳамин дақиқназарии муаллиф, ки бевосита дар хизмати дарбор қарор доштаву чун шоҳиди бевосита воқеаҳои сиёсии аморати Бухороро қаламдод намудааст, чун сарчашмаи боэътимод аз тарафи муҳаққиқон эътироф шудааст. Истиноди зиёди чандин насли муаррихони Осиёи

Миёна, хосатан Тоҷикистон аз маълумоти дар ин асар ҷой дошта, нишондиҳандаи қимати маъхазии он ҳисоб меёбад.

Боиси таассуф аст, ки то имрӯз агар аз тарҷумаи русии матни интиқодии китоби Мирзо Абдулазими Сомӣ, ки аз тарафи ховаршиноси шӯравӣ А.М. Епифанова бо унвони "Таърихи салотини манғития" (Москва, 1962) сарфи назар намоем, дар таърихнигории миллӣ, на барориши матни интиқодӣ ва на таҳлили арзиши маъхазии асари муаллифи номбурда – "Туҳфаи шоҳӣ" ба дасти ихтисосмандони соҳа ва доираи васеи хонандагон нарасида буд.

Акнун бо ибтикори унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар нафақат матни интиқодии Мирзо Аблулазими Сомӣ "Туҳфаи шоҳӣ" рӯи чоп дид, инчунин асари мазкур чун сарчашмаи таърихи ба ҳайси рисолаи номзадӣ пешниҳод шудааст. Ин худ иқдоми зарурӣ дар таърихнигории муосир бояд арзёбӣ гардад.

Ин худ шаҳодатест аз иқдоми зарурӣ ва деринтизор дар маъхазшиносии миллӣ. Аз ин рӯ шинохти мубрамияти мавзӯи ба ҳайси рисолаи номзадӣ пешниҳодгардида, шубҳае пеш оварда наметавонад. Онро унвонҷӯ низ бо далелҳои саҳеҳу равшан нишон дода тавонистааст.

Таҳлили дараҷаи таҳқиқи масоили ба мавзӯъ иртибот дошта, аз шиносоии пурраи унвонҷӯ ба раванди омӯзиши таърихи Бухорои охири асримиёнагӣ ва давраи нави он (асрҳои XVI – ибтидои XX), хосатан замони салтанати манғития, гувоҳӣ медиҳад. Дар ин ҷода таҳлили асарҳои бунёдии муҳаққиқони даврони Шӯравӣ ва замони истиқлолияти комил дарак медиҳад.

Таҳлили муқоисавии "Тӯҳфаи шоҳӣ" бо дигар осори таърихнависони ҳамин давраҳои дар боло ишораёфта, низ нишондиҳандаест аз маҳорати дар ин замина дарёфти воқеъияти пуртазоди замони қабл аз ба сари ҳокимият омадани хонадони манғития ва давраи ҳокимиятдории онҳо. Маҳз дар ин замина, мақсад, навгонии илмии тадқиқот ва масоили ба доираи тадқиқот воридшуда, амиқан муайян гардида, аҳамияти назариявию амалиявии диссертатсия нишон дода шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми рисола ба талаботи барои диссертатсияҳои номзадӣ расман муайян шуда, мувофиқат мекунад. Он аз муқаддима, се бобу шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати маъхазу адабиёти мавриди истифода қарорёфтаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, аҳамияти илмии тадқиқот, дараҷаи омӯзиш, мақсаду ҳадаф, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дигар масоили ба сохтори тадқиқот иртибот дошта, муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия – **"Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва сохтори он"**, аз ду зербоб: 1) **"Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ"**; 2) **"Мазмун ва мундариҷаи "Туҳфаи шоҳӣ"** иборат буда, дар он унвонҷӯ доир ба зиндагии муллифи "Туҳфаи шоҳӣ", ки ба давраи ҳукмронии амирони Бухоро; Насруллоҳ, Музаффар, ва Абдулаҳад рост меояд, маълумоти муфассал овардааст. Сомӣ, ки дар дарбори амир Музаффар (1860-1885), сипас дар хизмати амир Абдулаҳад (1885-1910) ба сифати муншӣ то соли 1898 ифои вазифа дошта, чун шоҳиди бевоситаи ҳаводиси давраи ҳукмронии онҳо, раванди воқеаҳоро ба қалам додааст. Баъди дур карданаш аз ин вазифа, аз рӯи малумоти С. Айнӣ, ки диссертант ба сифати иқтибос овардааст Сомӣ солҳои 1899-1900 – 1902-1903) "Туҳфаи шоҳӣ" (дар ҳаҷми 298 саҳифа) ва солҳои 1906-1907 "Таърихи салотини манғития"-ро (дар ҳаҷми 75 с.) навиштааст. Дар ин ҷо худи унвонҷӯ фарзия якранг будани ин ду асарро рад карда, қайд намудаст, ки "аслан тарзи нигориш, баёни ҳаводис куллан аз ҳам фарқ мекунанд" ( диссертатсия с. 42) . Дар маҷмӯъ, диссертант мазмун ва мундариҷаи "Туҳфаи шоҳӣ"- ро мантиқан дуруст кушода тавонистааст.

Боби дуюми диссертатсия – **"Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII – нимаи аввали асри XIX дар "Туҳфаи шоҳи"** унвон дошта, ду зербоби он ба инъикоси таърихи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри ин давраи ишораёфта дар асари номбурда мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор ёфтааст. Дар ин зербобҳои диссертатсия. унвонҷӯ

дарачаи инъикоси вазъи сиёсии давраи ниҳоии салтанати аштархониён, то рафт бештар авҷ гирифтани шӯру ошубҳо, бӯҳрони иқтисодӣ, рӯ ба таназул ниҳодани ҳокимияти марказиро бо далелҳои боэтимоди дар "Туҳфаи шоҳи" ва дигар маъхазҳо ҷой дошта, возеҳан кушода тавонистааст. Аз ҷумла диссертант далелҳои дар "Туҳфаи шоҳӣ" доир ба ин давро ҷой доштаро ба тариқи зайл хулосабардорӣ карда, қайд намудааст, ки "ҷамоати қарақалпоқ, хитой-қипчоқ ҳар сол ба Бухоро ва Самарқанд ҳамла карда, зироатҳо ва мардуми зиёди ин ду шаҳрро ғорату тороҷ ва сар аз тан ҷудо намуда, бармегаштанд. Аз ин рӯ, қаҳтие дар Бухоро ва Самарқанд рух дод, ки мардум аз ниҳояти гуруснагӣ ва хӯрдани майит афтода, мурдаҳоро дафн кардан намонда мехӯрданд. Осори қаҳту гуруснагӣ дар Самарқанд аз Бухоро бештар зуҳур ёфт. Харобии вилоятҳо ба ҳадде расид, ки дар Бухорои Шариф дар ду маҳалла ва гузар одам монд ва дар Самарқанд шахсе намонда, ҳар кас ба ҳар тараф кӯчида рафтанд" (дисс. с. 52). Чунин мисолҳои замони харобиовари Абуфайзхон, ки дар "Туҳфаи шоҳӣ" ҷой доранд, аз тарафи унвонҷӯ хеле зиёд оварда шудаанд. Тибқи хулосаи муаллифи диссертатсия, дар "Туҳфаи шоҳӣ" замони фоҷиабори соҳибтахтии Абуфайзхони аштархониро чун замони фоҷиабор нишон дода, амали авалин намояндагони манғития Муҳаммадҳакимбий ва Муҳаммадраҳимбийро коргузорони соҳибтадбир номидааст.

Қисмати аъзами зербоби дуюми боби дувуми диссертация ба таҳлили муқоисавии раванди ҳаводиси ба сари қудрат омадани намояндагони сулолаи манғития аз такя бо дастгирии шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор то замони ба тахт нишастани амир Музаффар бахшида шудааст. Маълумоти ниҳоят зиёди дар ин манбаи сарчашмавӣ доир ба ин давраро мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор дода, диссертант хулосае бардоштааст, ки "Мирзо Абдулазими Сомӣ аз тасвир кардани шӯру ошӯбҳои халқӣ, вазъи иқтисодӣ иҷтимоии аҳолӣ сарфи назар намуда, танҳо саркашӣ ва гарданшахии ҳокимони вилоятҳоро, ки зидди ҳукумати марказӣ амал карда, шӯришҳо барпо менамуданд, қалам зада, ба риштаи тасвир мекашад. Дар ин масъала кӯшиш мекунад, ки ба ҳар васила хонадони

амириро барҳақ ҷилва диҳад. Вале ба ҳар ҳол дар инъикоси оғози зиддиятҳо, шӯришҳо, макон ва замони онҳо, ҷараёни он, ташаббускор ва иштирокчиёни он дар "Туҳфаи шоҳӣ" сарчашмаи нодир ҳисоб мешавад" (дисс. с. 77).

Дигар арзиши китоби Сомиро унвонҷӯ дар ба тафсил баён ёфтани муносибати хонигариҳои Хӯқанд ва Хева бо аморати Бухоро, тохтутозҳои муттасили қабоили туркман, еттиуруғ, кунғурот, қалмиқ, қалмоқ, қазоқ, кенегас, буркут, баҳрин, хитойӣ, қарақалпоқ, қипчоқ, ки ба қаламрави аморат ҳуҷум карда, молу амволи мардумро ба ғорат мебурданд, шарҳ медиҳад. Аз диди унвонҷӯ чунин ахбори саҳеҳ дар дигар манбаъҳо ба назар намерасад (с. 91). Чунин хулосаи унвонҷӯ, гувоҳест аз баҳои воқеан илмии ӯ ба ин маъхази нодир.

Боби сеюми диссертация; **"Зикри лашкаркашии амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии рус дар "Туҳфаи шоҳӣ"**, ки он низ ду зербоби ба инъикоси лашкаркашиҳои амирони манғит ба манотиқи ҳамсоя ва амалиёти ҳарбии Русия дар Осиёи Миёнаву иртиботи он ба аморати Бухоро бахшидаи муаллифи "Туҳфаи шоҳӣ"-ро дар бар мегирад. Дар зербоби аввали ин боби ниҳоии диссертатсия, дараҷаи инъикоси таърихи лашкаркашиҳои амирони манғит Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ ба хонигариҳои ҳамсоя дар "Туҳфаи шоҳӣ" мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Аз маълумоти Сомӣ дар ин асари худ оварда, возеҳан амалиётҳои ҳарбии зидди ҳамдигарии аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Хӯқанд ба назар мерасанд. Алалхусус дар байни Бухорову Хӯқанд барои Тошканд, Ҷизах, Ӯротеппа, Хуҷанд ҷанг хеле тӯлонию доманадор нишон дода шудааст.

Мирзо Абдулазими Сомӣ, ки худ бевосита шоҳиди амалиётҳои ҳарбии Русия дар Осиёи Миёна буд, муҳорибаҳои байни лашкари Русия ва сарбозони амир, хосатан ҷанги ҳалкунандаи байни онҳо дар баландии Зирабулоқ 2 июни соли 1868, шикасти амир ва натиҷаи онро нисбатан батафсил инъикос намудааст. Аз диди унвонҷӯ, воқеаҳои марбут ба исёни ҷудоиандозии писари амир Музаффар Абдумаликтӯра, раванди

зӯран ба аморат ҳамроҳ намудани мулкҳои Бухорои Шарқӣ дар асари номбурдаи Сомӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Хулосаи унвонҷӯ доир ба натиҷаи забти минтақа ва шикасти Бухоро аз тарафи артиши Русия, ки аз мундариҷаи "Туҳфаи Шоҳӣ"-и Сомӣ дар муқоиса бо дигар манобеи таърихӣ дар он аст, ки "сабаби парокандагии лашкар, фирори ҳокимон аз майдони ҷанг, сари таъзим фуруд овардани сарварони қабилаҳои алоҳида, ғазовоти муллоҳо боиси шикасти сипоҳиёни аморати Бухоро гардид (с. 141).

Бояд қайд кард, ки хулосаи рисолаи диссертатсионӣ аз дараҷаи баланди натиҷабардории илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар 15 банди он, тавсифи мукаммали диди муаллиф, ба арзиши сарчашмавии ин китоби дар маърази таҳлили маъхазшиносӣ қарорёфта ва тавсияи истифодаи амалии ин маълумотномаи таърихии нодир қайд карда шудааст.

Хизмати унвонҷӯ дар таҳлили муқоисавии инъикоси воқеаҳои сиёсии ҳадди ниҳоии сулолаи Аштархониён ва хосатан замони ҳокимиятдории манғитҳо то ба сари тахт омадани охирин намояндаи онҳо – Олимхон дар китоби ҷанбаи муҳими сарчашмавӣ доштаи Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ "Туҳфаи шоҳӣ" возеҳан ба назар мерасад, ки дар таърихнигорӣ ва маъхазшиносии таърихии миллӣ чун иқдоми зарурӣ ва шоиста ҳисоб хоҳад ёфт.

Рисола аз ҳар ҷиҳат мукаммал буда, нишондиҳаест аз қобилияти баланди илмии унвонҷӯ. Вале, чи тавре аз талаботи доимо суръатгирандаи илмӣ бармеояд, тадқиқоти пурра аз нуқсону норасоӣ орӣ буда, ниҳоят кам ба назар мерасад. Ин ба рисолаи барои дифои дараҷаи номзади илм пешниҳодшудаи Зиёдулло Абдулзода низ истисно буда наметавонад.

Дар ин рисола аз диди мо чунин норасоиҳо ба назар мерасад:

1) дараҷаи муқоисавии "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомӣ бо таълифоти Аҳмади Дониш "Рисола ё мухтасаре аз салтанати амирони хонадони манғития ва Садриддин Айнӣ "Таърихи амирони манғития Бухоро", ки бештар ҷанбаи илмӣ доранд, бояд қавитар мегардид;

2) фарзияи якранг будан ё набудани ду асари Соми – “Туҳфаи шоҳӣ” ва “Таърихи салотини манғитияи дорусалтанаи Бухорои Шариф” бояд возеҳтар кушода мешуд. Дар диссертация бо такя ба устод С. Айнӣ асари дуюми Сомӣ дар ҳаҷми 75 саҳифа нишон дода шудааст. Дар аксбардорӣ (факсимиле) ва тарҷумаи А.М. Епифанова, ки дар Москва соли 1962 ба чоп расидааст ҳаҷми дастхат дар 127 вараќи навишти дутарафа, яъне 234 саҳифа оварда шудааст. Мебоист таҳлили муқоисавӣ ва дараҷаи ба ҳам наздикии матни ин ду дастхат равшантар муайян мегардид;

3) чанде аз номгӯи маъхазу адабиёти дар феҳрист омада, амалан дар матн иқтибос нашудаанд;

4) дар баъзе мавридҳо аз аҳамияти илмии “Туҳфаи шоҳӣ” ёд мешавад, ки истифодаи ин ибора ноҷо ба назар мерасад. Амалан аҳаммияти асар на қимати илмии он, чунки таълифоти илмӣ буда наметавонад, балки дар арзишмандии маъхазиаш зоҳир мегардад.

5) баъзе ғалатҳои техникӣ дар матн ба чашм мерасад (Малком ба ҷои Малколм, хурдан ба ҷои хӯрдан, ғазават ба ҷои ғазовот ва ғайра), ки зудислоҳшаванданд.

Вале ин эродҳо, ки шояд барои риояи ҳаҷми шартии диссертатсия садди таҳлили доманадори он гардидаанд, ҳаргиз қимати илмии онро халалдор карда наметавонанд. Бо итминон метавон гуфт, ки онҳо дар рафти ба чоп омода намудани рисолаи илмӣ дар заминаи ин тадқиқот ба назар гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ диссертатсияи унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Аблулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра ба анҷом расида ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро комилан ба анҷом расонад.

Сохтори диссертаия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ метавон хулосаеро пешниҳод намуд, ки диссертатсияи

Абдулзода Зиёдулло Назар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия ва
Тоҷикистон **М. Ҳ. Пирумшоев.**

5 сентябри соли 2023.

Тел. моб: + (992) 935-27-77-37; E-mail: munir.85@mail.ru.

Имзои н.и. таърих, дотсент М.Ҳ. Пирумшоевро
Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Слаянии Россия ва Тоҷикистон: **А.А. Раҳимов.**